“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., профессор
_____________ Назарзода Х.Х.
«30» январи соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисисаи пешбар ба диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи “Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

## Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) иҷро карда шудааст: 1.1. “Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ”, 1.7. «Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоравӣ, андоз ва ғ.) дар ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, доира ва соҳаи гуногун”, 1.10. “Назария ва методологияи буҷасозӣ”, 1.13. “Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ”, 1.16. “Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат)”, 3.2. “Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит ва назорат”, 3.9. “Инкишофи методологияи комплексии усулҳои аудит ва назорат”.

## Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ “Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ” дар замони рушди низоми мукаммали баҳисобгирӣ ва аудит муҳим буда, аз ҷиҳати назария ва амалия яке аз пажӯҳишҳои нав дар илми муосири ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Дар диссертатсияи мазкур муаллиф оид ба такмили таъминоти баҳисобгирӣ-иттилоотии табодули биологӣ дар соҳаи парандапарварии хоҷагии қишлоқ, густариши ҷанбаҳои илмӣ-амалии ташкили низоми босамари баҳисобгирии муҳосибӣ ва такмили асосҳои методии он бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ таҳқиқоти ҷиддӣ ва дақиқ анҷом додааст.

Ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва равандҳои фаъоли ҳамгироии иқтисодӣ зарурати аз нав дида баромадани ташкил ва методологияи баҳисобгирии

муҳосибиро ба миён оварда, ба шароити нави хоҷагидорӣ мувофиқ кунонидани онро ба миён гузошт. Воситаҳое лозим шуданд, ки барои ташаккули низоми бадастории маълумоти объективӣ ва боэътимод дар бораи фаъолияти молиявию иқтисодии ширкатҳо барои қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ имкон медиҳанд. Имрӯз, ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи СБҲМ барои аксари ташкилотҳои тиҷоратӣ, аз хоҷагиҳои деҳқонӣ то корпоратсияҳои байналмилалӣ як таҷрибаи маъмулист. Вале, мутаассифона, корхонахои комплекси агросаноатӣ дар ин бобат бо ягон муваффақияти махсус фахр карда наметавонанд. Ҳатто дар чунин соҳаи босуръат тараққӣ кардаистодаи парандапарварӣ ҳам истеҳсолкунандагон дар ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ бо душвориҳои ҷиддӣ дучор меоянд. Зиёда аз он, дар ин ҷо мушкилоти мавриди баррасӣ боз ҳам тезу тундтар аст: инкишофи низоми муосири иттилоотӣ на танҳо аз суръати тараққиёти истеҳсолот тезтар аст, балки ба рушди муносиби он монеа эҷод менамояд. Барои ҳалли масъала муносибати илмии асоснок лозим аст.

Самаранокии идоракунии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ба саривақтӣ ва эътимоднокии иттилооте, ки ба роҳбарон дода мешавад, вобаста аст. На танҳо баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ, балки инчунин боздеҳи намудҳои гуногуни хароҷот, дурустии ҳар як қарори идоракунӣ ва таъсири онҳо ба вазъи молиявии корхонаро баррасӣ кардан лозим аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ бояд барои банақшагирӣ ва пешгӯӣ истифода шавад, ки ин барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории истеҳсолкунандагони кишоварзӣ аҳамияти махсус дорад. Вобаста ба гуфтахои боло омӯзиши масъалаҳои такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар мурғпарварӣ, ба фикри мо, хеле муҳим ва серталаб буда, интихоби мавзуи таҳқиқотро муайян кардааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгонии илмии таҳқиқот аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ ва назорат, инчунин дар ин замина коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ иборат мебошад. Аз он ҷумла:

- пешниҳоди таърифи муаллифии мафҳуми "дороиҳои биологӣ дар асоси ҷамъбасти назарияҳои илмӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳаи парандапарварӣ;

- муайян намудани хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии хоҷагии парандапарварӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ таъсири муҳим мерасонанд, инчунин асоснок намудани тартиби баҳисобгирии хароҷот, интихоби усулҳои баҳисобгирӣ ва тақсимкунии хароҷоти барилова, таркиб ва номгӯи моддаҳои арзиши аслӣ;

- пешниҳоди таърифи мафҳумӣ ва усулии мукаммали "назорати дохилӣ" дар заминаи таҳқиқи мавқеи назорати дохилӣ дар низоми идоракунии корхонаи парандапарварӣ;

- ба таври илмӣ асоснок намудани модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ;

- коркарди модели бахисобгирии идоракунӣ ва баҳодеҳии арзиши аслии маҳсулоти асосӣ ва иловагии соҳаи парандапарварӣ дар заминаи арзёбӣ намудани вазъи муосири ташкили баҳисобгирӣ ва муайянкунии арзиши тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ;

- коркарди тавсияҳои методӣ дар мавриди истифодаи ҳисобҳо ва зерҳисобҳои баҳисобгирии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ;

- таҳияи технологияи бабуҷагирии раванди шакливазкунии биологӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ ҳамчун воситаи муассири баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ;

- таҳияи стандарти (низомномаи) буҷетикунонии корхонаҳои парандапарварӣ ва буҷети истеҳсолоти парандапарварӣ бо назардошти нишондиҳандаҳои пешбинишудаи саршумори парандагон;

- асоснок намудани самтҳои асосии рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назоратии дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ, такмили шаклҳои ҳуҷҷатгузории ибтидоӣ ва аналитикӣ (ҷузъи) баҳисобгирӣ.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Саҳми унвонҷӯ дар диссертатсия дар ҷамъбастнамоӣ, банизомдарорӣ, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва такмили низоми баҳисобгирии муҳосибиро бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолоти соҳаи парандапарварӣ ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ методикаи ташкили низоми босамар ва муосири баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба фаъолияти гуногунҷабҳаи корхонаҳои парандапарварӣ, воситаҳои амалии фаъолият ва арзёбии самаранокии низоми назорати дохилӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ таҳия карда шудааст. Инчунин иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ ба назар мерасад.

Мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба мақсад ва вазифаҳое, ки муаллиф дар доираи таҳқиқоти илмиаш муайян кардааст, мувофиқат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои коркарднамудаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда ва дақиқ мебошанд, зеро онҳо ба асосҳои методологӣ, назариявӣ ва маълумоти баҳисобгирӣ - таҳлилии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ такя менамоянд.

Диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқотҳои илмии нахустин дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шумор меравад, ки масъалаҳои такомул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибиро дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳаи зикршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо иишои додаии навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи такризшаванда аз мукаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт аз 162 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 218 саҳифа дарҷ гардида, 8 расм, 14 ҷадвалро дар бар мегирад.

**Дар мукаддимаи рисола** бамавридии мавзуи таҳқиқшаванда заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва таҷрибавӣ, мавзуъ ва объекти омӯзиш, усулҳои таҳқиқот, навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, саҳми шахсии довталаб оид ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дигар расмиёти муайяншуда ва ҳимояшаванда қайд гардидааст. Ин бахши рисола аз дуруст ба расмиятдарории равандҳо ва марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

**Дар боби якуми диссертатсия** – “Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ” асосҳои назариявии эътирофи дороиҳои биологӣ ва таснифоти онҳо дар соҳаи кишоварзӣ, таъсири хусусиятҳои технологӣ-соҳавии парандапарварӣ ба раванди пешбарии баҳисогбирии муҳосибӣ, инчунин мақоми назорати дохилӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар ин бахши рисола муаллиф ба асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи баҳисобгирӣ ва аудит такя намуда, масъалаҳои назариявӣ - методологӣ ва методии ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.

Муаллиф, дар асоси таҳлили танқидии ақидаҳои олимони соҳа мафҳуми муаллифии “дороиҳои биологӣ”-ро коркард намуда, қайд менамояд, ки истифодаи мафҳуми “дороиҳои биологӣ” нисбат ба мафхуми “кишоварзӣ” доираи васеътари фаъолияти истеҳсолӣ-иқтисодии субъектҳои соҳаи кишоварзиро дарбар мегирад(саҳ. 11). Ба ақидаи унвонҷӯ, ба сифати дороиҳои биологӣ “тамоми маҷмуи организмҳои зиндаи хоҷагии қишлоқ, ки дар ҷараёни шакливазкунии биологӣ зери таъсири ҷараёнҳои генетикӣ ба миён омада, ба монанди афзоиши сатҳи истеҳсолот, такрористеҳсолшавӣ ва якҷояшавӣ имконияти додани дороиҳои биологии алтернативӣ ва ё маҳсулот (маҳсулоти тайёр барои истеъмол ва ё коркард дар оянда) доранд, ва дар ҷараёни истифода аз онҳо дигар намуди маҳсулот, фоидаи имконпазир гирифта шавад ва ё онҳо сарчашмаи боигарии миллии кишвар гарданд” (саҳ. 15-16) шинохта мешаванд.

Вобаста ба хусусиятҳои ба соҳаи парандапарварӣ хос муаллиф таснифоти дороиҳои биологӣ ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқро бо назардошти дастовардҳои илмии олимони соҳа пешниҳод намуда, баъзе аз норасоиҳои методиро дар раванди инъикоси муҳосибии ҳаракати дороиҳои биологӣ ва шакливазкунии онҳо ошкор намудааст. Азҷумла, ба ақидаи муаллиф дар айни замон масъалаи методологии гурӯҳбандии дороиҳои биологӣ, баҳодиҳии арзиши одилонаи дороиҳои биологӣ, инъикоси онҳо дар ҳисобҳо ва ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, ҳисобкунии истеҳлок ва г. ба миён меоянд, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирӣ номуайян боқӣ мондаанд(саҳ. 24).

Муаллиф ба таври илмӣ асоснок намудааст, ки дар баҳисобгирии муҳосибии соҳаи парандапарварӣ - паранда дороии биологӣ буда, тағйирёбии биологии он бавоярасӣ ва афзоиш ёфтани он мебошад. Ба ақидаи унвонҷӯ аломати асосии тағйирёбии дороии биологӣ - ин аз лиҳози биологӣ дигаргун шудани он мебошад, ки равандҳои афзоиш, истеҳсолот ва такрористеҳсолро дар бар гирифта, дороиҳои биологиро ба тағйирёбиҳои миқдорию сифатӣ оварда мерасонад. Вобаста аз хусусиятҳои технологии соҳаи парандапарварӣ тағйирёбии биологӣ ин ҷараёни парвариши парандаҳо аз рӯйи самтҳои тухмдиҳанда ва гӯштӣ буда, ҷараёни тагйирёбӣ объекти баҳисобгирии хароҷот ба шумор рафта, аз рӯйи онҳо баҳисобгирии ҷузъӣ бурда мешавад. Дар раванди тағйирёбии биологӣ ба ҳайси тағйирёбиҳои сифатӣ - гирифтани миқдори максималии маҳсулот (тухм, гӯшт) аз миқдори муайяни ҳар сари паранда дар назар дошта мешавад (расми 1.1.2, саҳ. 29).

Дар зербоби 1.2. –и диссертатсия вазъи ҷории рушди соҳаи парандапарварӣ бо таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти оморӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар баробари тасдиқи афзоиши нишондиҳандаҳои натиҷавии соҳа як қатор хусусиятҳои таъмини рушди босуботи соҳа ошкор карда шудаанд. Азҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки интихоби объектҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ аз ташкили истеҳсолот, хусусиятҳои технологӣ, сатҳи махсусияти соҳа, сохтори идоракунии истеҳсолот, параметрҳои техникии маҳсулоти истеҳсолшаванда, системаи назорати хароҷот вобаста мебошад(саҳ. 47).

Диққати махсус ба муайякунии мақоми назорат дар низоми идоракунии корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ равона карда шудааст. Муаллиф ба таври одилона таъкид менамояд, ки “Назорати дохилӣ ” унсури низоми идоракунии корхона буда, бо ёрии он мақомоти идоракунӣ ва кормандони ширкат менеҷменти босифат ва оқилонаро тавасути ошкорсозии тамоюлҳо аз натиҷаҳои эҳтимолӣ дар тамоми сатҳҳо, марҳилаҳо ва ҷараёнҳо кафолат дода, барои омода намудани ҳисоботи эътимодноки дохилӣ ва берунӣ, таъмини самаранокӣ ва самарабахшии фаъолият ва риоя намудани талаботҳои санадҳои меъёрии танзимкунанда равона шудааст” (саҳ. 58). Таърифи мазкур бо назардошти асоснок намудани тафриқа байни назорати дохилӣ ва низоми назорати дохилӣ, муқарраркунии ҷанбаҳои ташкилӣ-методии амалигардонии расмиёти назоратӣ коркард гардидааст. Аз нигоҳи муаллиф равиши нисбатан асоснoккардашуда ҳамон аст, ки дар он баҳисобгирӣ, назорат ва тахлил дар алоқамандии органикӣ дида баромада шуда, қисмати муҳими ҷараёнҳои технологияи идоракуниро муайян месозад. Бо назардошти ин, дар диссертатсия модели ташкили назорати дохилии раванди тағйирёбии биологӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ(расми 1.3.1. сах.67) пешниҳод карда шудааст, ки аз нуқтаи назари назария ва амалия қобили таваҷҷӯҳ аст.

**Дар боби дуюм** – “Баҳодиҳии холати муосири ташкили баҳисобгириии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ” масъалаҳои тасниф ва пешбарии баҳисобгирии хароҷоти истехсолии парандапарварӣ баррасӣ гардида,

мушкилоти мукамалгардонии методикаи таъминоти ҳуҷҷатӣ ва баҳисобгирии ҷузъии хароҷоти истеҳсолот, тартиби ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ омӯхта шудаанд.

Дар ин боб муаллиф қайд менамояд, ки новобаста аз мавҷудияти таҳқиқоти сершумори илмӣ мафҳумҳои объекти баҳисобгирӣ ва объекти хисобкунии арзиш тафовут дошта, муттаҳидсозии онҳо дар фаҳмиши раванди баҳисобгирӣ монеъ мегардад. Ба андешаи муаллиф объекти баҳисобгирии хароҷотро ҳамчун хароҷоти воқеии истеҳсоли маҳсулот бояд шинохт, ки аз рӯйи онҳо дар доираи муайян гурӯҳбандӣ карда мешаванд, гурӯҳҳои қисматҳо, корҳои алоҳида, ҷараёнҳои мушаххаси истеҳсолот гузаронида шуда, барои муайян кардани арзиши аслӣ ва назорати идоракунии самараноки ҷараёни истеҳсолот истифода хоҳанд шуд(саҳ. 77). Дар натиҷаи таҳқиқот модели муайянкунии объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ (расми 2.1.1. саҳ. 80) коркард гардидааст, ки имконияти дуруст ба роҳ мондани ташкили баҳисобгирии ҷузъӣ, ҳисобкунии муносиби арзиши аслии маҳсулотро аз рӯйи гурӯҳҳои алоҳидаи технологӣ, марказҳои масъулият, ҷараёнҳои технологӣ дар доираи марказҳо ва намуди парандаҳо дуруст фароҳам меоварад.

Дар зербоби 2.2. –и диссертатсия масоили муҳими ташкили баҳисобгирии ҳаракати хароҷоти истеҳсолӣ, баҳисобгирии ҷузъӣ ва куллии истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Аз ҷумла муаллиф асоснок намудааст, ки номукаммал будани заминаи меъёрию методии баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ, суст омӯхта шудани масъалаҳои ташкили баҳисобгирии ҷузъӣ ва куллии хароҷот ва маҳсулоти ин соҳа, нокифоя будани таҳқиқи масъалаҳои ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти зотпарварӣ, тухми саноатӣ ва гӯштии парандапарварии навъҳои гуногуни паранда мушкилоти муҳими рушди методикаи баҳисобгирӣ ба шумор мераванд(саҳ. 88). Ин боиси нодурустии ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда гардида, дар натиҷа - ба таҳрифи натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, зарурати такмил додани тасаввуроти мавҷуда ва ташаккули консепсияҳои нави консептуалӣ, воситаҳои методологӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳа ва самтҳои фаъолият барои инъикоси боэътимод ва ҳамаҷонибаи хароҷоти истеҳсолот ва натиҷаҳои идоракунӣ дар парандапарварӣ ба миён омадааст.

Барои ҳалли масъалаҳои мазкур муҳаққиқ модели баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии тухми мурғ (расми 2.2.3., саҳ. 97) ва тартиби баҳисобгирии раванди истеҳсоли тухмро (ҷадвали 2.2.4 ва 2.2.5. сах. 99-100) пешниҳод намудааст, ки аз нуқтаи назари амалияи пешбарии баҳисобгирӣ дорои аҳамияти махсус мебошанд.

Масъалаҳои асосии баҳисобгирӣ ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи парандапарварӣ, мавҷуд набудани методикаи интихоби воҳидҳои калкулятсионӣ, ки ба ҷараёни калкулятсионӣ мутобиқ буда, хусусиятҳои истеҳсоли маҳсулотро аз лиҳози техникӣ-иқтисодӣ бо назардошти параметрҳои инфиродии онҳо пурра ифода менамояд, ба ҳисоб

мераванд. Аз ин лиҳоз дар диссертатсия тартиби ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти асосӣ ва иловагии истеҳсолоти парандапарварӣ, тасниф ва гурӯҳбандии мувофиқи моддаҳои хароҷотӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шудаанд. Дар натиҷаи таҳқикот модели пайдарпайии иҷроиши корҳо ҳангоми калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ коркард карда шуд (расми 2.3.1, саҳ. 108). Модели мазкур хусусиятҳои ба соҳаи парандапарварӣ хоси раванди истеҳсолотро ба назар гирифта, ҳисобкунии дурусти арзиши аслии маҳсулоти мушаххаси соҳаро таъмин менамояд. Коркарди муаллиф бо пешниҳоди тартиби инноватсионии баҳисобгирии ҷузъии истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ, азҷумла пешниҳоди ҳисобҳои муносиб барои ҳар як объекти хароҷотӣ асоснок ва ҷамъбаст гардидааст.

**Дар боби сеюм** – "Мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ" такмили методикаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои парандапарварӣ ва таҳияи амсилаи иттилоотии он таҳия шуда, рушди буҷетикунонӣ ҳамчун унсури низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок ва методикаи таҳияи буҷети асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард карда шудааст.

Таҳқиқоти муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки дар айни замон дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ методологияи мукаммали ташкили низоми назорати дохилӣ, ки ҷиҳатҳои ташкилӣ ва методии амалкунии хадамоти назорати дохилиро мувофиқ ба талаботи имрӯзаи фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа танзим кунад, вуҷуд надорад. Мушкилоти муҳим дар ин ҷода мавҷуд набудани таъминоти меъёрӣ- ҳуқуқӣ вобаста ба ташкил ва роҳандозӣ намудани низоми самарабахши назорати дохилӣ, дастурамал ва нишондодҳои тавсиявии соҳавӣ буда, унвонҷӯ чунин мешуморад, ки ҳалли мушкилоти мазкур дар доираи низоми идоракунии ҳар як субъекти хоҷагидорӣ ба воситаи коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилихоҷагӣ имкон дорад (саҳ.131). Вобаста ба ин, аз ҷониби муҳаққиқ шаклҳои ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ-назоратии ибтидоӣ ва ҷамъбастӣ коркард ва пешниҳод гардидаанд, ки дар ҳалли масъалаҳои ташкили мувофиқи низоми баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ мусоидат менамоянд.

Дар ин маврид муаллиф дуруст қайд менамояд, ки татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ аз рӯйи марказҳои масъулият дар парандапарварӣ, аз нав дида баромадан ва аз нав коркард кардани миқдори муайяни ҳуҷҷатҳои ибтидоии шаклҳояшон ягонаро талаб мекунад (саҳ. 138).

Назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ қисми ҷудонашавандаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми ташкили назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ бояд низомномаи баҳисобгирии сегментӣ ва пешниҳоди ҳисобот таҳия шуда бошанд. Барои амалӣ намудани расмиёти назорати дохилӣ шакли ҳуҷҷати кории назорати дохилии хароҷот, даромад ва фоида аз рӯйи сегментҳо аз ҷониби муаллиф таҳия ва пешниҳод карда шудааст (ҷадвали 3.2.1).

Муаллиф чунин мешуморад, татбиқи модели буҷетикунонии системаи назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ нисбатан дуруст мебошад, ки имконияти идоракунии корхона ва зерсохторҳои онро на танҳо аз лиҳози истеҳсолӣ, балки аз ҷиҳати молиявӣ низ фароҳам оварда метавонад. Бо ин мақсад методикаи буҷетикунонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи парандапарварӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

**Дар қисмати хулосавӣ** тавсияҳо ва пешниҳодҳои асосӣ, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, ҷамъбаст карда шудааст.

Дар интиҳои диссертатсияи илмӣ феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 162 номгӯй оварда шудааст.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ – методии ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ, ташкили низоми бабуҷагирии фаъолияти иқтисодӣ-молиявӣ ва истеҳсолии корхонаҳо ва таҳияи тавсияҳои амалӣ дар такомули низоми баҳисобгирӣ ва идоракунии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ саҳмгузор мебошанд.

Диссертатсияи тақризшаванда бо сабки хуби илмӣ навишта шуда, дар он пайдарҳамии мантиқии зикри масъалаҳои баррасишаванда ва муайян кардани муқаррароти асосӣ риоя гардидааст. Мустақилияти муаллиф дар ифшои ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ҳалли мушкилоти амалии истифодаи усулҳои муосири ҳисобкунии арзиши аслӣ, методикаи баҳисобгирии фаъолияти корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ мушоҳида мешавад. Ҳамчунин таҳқиқот дорои пойгоҳи воқеъбинонаи далелҳо мебошад. Муаллифи диссертатсия объект ва предмети таҳқиқотро дуруст муайян карда, мақсад ва вазифаҳои муносибро муқаррар кардааст. Дар таҳқиқот усулҳои муосири илмии ба вазифаҳои гузошташудаи он мувофиқ истифода шудаанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо саҳеҳии муқаррароти асосӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои таҳиягардида тасдиқ мешавад. Дар навбати худ, саҳеҳии муқаррароти асосии диссертатсия бо он муайян мегардад, ки довталаби дараҷаи илмӣ ҷиҳатҳои асосй, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршударо бо такия ба омӯзиши таҳқиқоти илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба таъминоти баҳисобгирӣ-назоратии раванди идоракунии фаъолияти корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ таҳия карда, онҳоро дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба тасвиб расонидааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ,

коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо матни диссертатсия ҳамбастагии мантиқӣ доранд ва аз вазифаҳои гузошташуда бармеоянд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти таҳқиқотро инъикос мекунанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот** Муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳиягардидаро метавон ҳамчун саҳми назаррас дар рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ эътироф кард. Ҷанбаҳои назариявии диссертатсия ҳамчун заминаи муҳими таҳқиқоти минбаъдаи фишангҳои муҳими идоракунии молиявӣ-хоҷагии корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ баромад менамоянд. Натиҷаҳои пажӯҳиш дар такомули низоми баҳисобгирӣ назорати дохилии корхонаҳои соҳаҳои фаъолияти гуногун, мустаҳкам намудани низоми идоракунии корхонаҳо, инчунин ҳалли масъалаҳои ташкил ва пешбарии фаъолияти ниҳодҳои назоратии корхонаҳо аҳамиятнок аст. Истифодаи тавсияҳои дар натиҷаи таҳқиқот коркардшуда ба афзоиши сатҳи самаранокии низоми идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии бакалавр ва магистрантҳо бо самти «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» ҳангоми омӯзиши фанҳои «Баҳисобгирии муҳосибӣ дар кишоварзӣ», «Назорат ва тафтишот», «Аудити амалӣ» ва «Асосҳои аудит» истифода мешаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сохаи парандапарварӣ дар заминаи консепсияҳои муосири иқтисодӣ зоҳир мешавад. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳумҳои “назорати дохилӣ”, “дороиҳои биологӣ”, “хароҷоти истеҳсолӣ” таҳқиқ шудаанд. Тартиби пешбарии баҳисобгирии унсурҳои арзиши аслӣ, ташаккули арзиши аслии маҳсулоти асосӣ ва иловагии соҳаи парандапарварӣ ҷиҳати назариявию методӣ шарҳ дода шудааст. Ҳамчунин самтҳои асосии такомули низоми баҳисобгирӣ ва назорати дохилии истеҳсолоти парандапарварӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози мукаммалгардонии заминаҳои конунгузорию меъёрӣ ва таъминоти ҳуҷҷатӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он зиҳир мегардад, ки пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи

такомули низоми баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ ба мақсади коркард ва таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ, истифодаи усулҳои прогрессивии ташаккули арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ дар корхонаҳои мувофиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми ташкили низоми назорати дохилӣ, расмиёти аудити дохилӣ ва пешбарии раванди ҳисобкунии арзиши аслӣ, инчунин таъмини ҳуҷҷатии раванди баҳисобгирӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки тавсия ва пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида дар раванди такомули низоми баҳисобгирӣ ва аудити дохилии корхонаҳои соҳоти мухталифи кишоварзӣ мусоидат намуда, ба фаъолияти аз ҷиҳати молиявӣ устувори корхонаҳо заминаи меъёриро муҳаё месозад. Фаъолияти натиҷаноки корхонаҳои кишоварзӣ ба амнияти иқтисодии кишвар, ҳалли масоили стратегӣ аз қабили таъмини истиқлолияти озукаворӣ мусоидат намуда, самарнокии иқтисодиёти миллӣ боло мебарад. Ҳамчунин, тадбиқи натиҷаҳои диссертатсия ба беҳтар гардидани вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, афзоиши сатҳи шуғли аҳолӣ мусоидат намуда, беҳтаршавии шароити молияви кишварро таъмин менамояд.

**Аҳамияти иҷтимои натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти диссертатсия барои ба сатҳи байналмилалӣ муносиб гардидани мазмун ва сохтори ҳисоботи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, рушди истеҳсолот ва бахши реалии иқтисоди кишвар, афзоиши сатҳи касбияти муҳосибон ва ашхоси роҳбарикунандаи корхонаҳо, афзоиши сатҳи шуғли аҳолӣ, некӯаҳволии халқ ва ғанӣ гардидани бозори маҳсулоти ватанӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонид.

### Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаваидаи илмӣ

Маводҳои интишоршудаи унвонҷӯ дар худ муқаррароти асосии диссертатсияро дарбар мегирад. Муаллиф вобаста ба мавзуи тадқиқот 9 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

### Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода ҳамчун кори ба анҷом расида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ навишта шудааст. Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконият фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмилдиҳии унсурҳои муҳими низоми баҳисобгирии корхонаҳои кишоварзӣ мушаххас ифода намояд.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Доштани малакаи таҳили иктисодӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳмияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи корхонаҳои кишоварзии ватанӣ аз аҳамияти амалии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Диссерттация бо забони фасеҳ бо истифода аз мафҳумоти қабулшуда навишта шуда, ба ислоҳ ниёз надорад.

Автореферат ва мақолаи илмӣ ба табъ расидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифтааст. Аз ин рӯ, талабот вобаста ба ин масъала ба таври умум риоя гардидааст.

**Эродҳо ва баъзе пешниҳодот доир ба диссертатсия**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва хатогиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар зербоби 1.2. унвонҷӯ як қатор маълумоти дорои аҳамияти макроиқтисодии омориро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба андешаи мо, баррасии маълумот дар сатҳи як ё якчанд корхонаи соҳаи парандапарварӣ бо мақсади муайян намудани ҷанбаҳои мушкилотдори ташкили баҳисобгирӣ ва назорат беҳтар мебуд;

2. Ба андешаи мо дар диссертатсия масъалаи гузариш аз арзиши аслии ҳақиқии паранда ва маҳсулоти аз он гирифташаванда (тухм ва гӯшт) ба арзиши одилона бо роҳи азнавбаҳодиҳӣ, чӣ тавре СБҲМ тақозо мекунад, баррасӣ нагардидааст. Маҳсулоти кишоварзӣ бояд бо арзиши одилона дар баҳисобгирӣ инъикос гардад, ва аз ин рӯ, таҳқиқи ин масъала зарур мегардад.

3. Дар диссертатсия агар усулҳои арзиши аслии пурра («абзорпшн-костинг») ва низоми баҳисобгирии хароҷоти тағйиёбанда («директ-костинг») бо мақсади фаҳмиши тавсифи дигаргуншавии арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешуд, аҳамияти илмии таҳқиқот меафзуд.

4. Бояд қайд кард, ки ҳангоми татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунӣ масъалаи муҳим алоқамандии он бо низоми баҳисобгирии молиявӣ ба ҳисоб меравад, вале ин ҷанба дар диссертатсия ба таври пурра мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

5. Ба муалиф зарур буд, ки ҳолати воқеии низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгириро дар корхонаҳои парандапарварӣ таҳқиқ намуда, самаркноктарини онҳоро барои истифода намудан дар низоми баҳисобгирӣ муайян менамуд.

6. Дар кори илмӣ камбудиҳои стилистикӣ низ ба назар мерасанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шӯрои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқarrargардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) таҳия гардида, мазмуни асосии таққиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ**

Диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода кори илмии мустақилона анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, дорои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмилдиҳии низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ мейлшад.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи “Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ” бо талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 267 аз 30 июни соли 2021) мутобиқ менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мебошад.

Дар ҷаласа 23 - нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 23- нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Тақриз дар ҷаласаи кушоди кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протокол №6/2 аз 30-юми январи 2025).

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва
аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
доктори фалсафа(PHD), дотсент Ю.Ч. Раҷабзода

**Ташхисгар:**
дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.и., А.А. Мирзоалиев

**Котиби ҷаласа:**
доктори фалсафа(PHD), дотсент Ф.М. Исмоилзода

Имзои О.Ҷ. Раҷабзода, А.А. Мирзоалиев ва Ф.М. Исмоилзода - ро тасдиқ менамоям:
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДТТ** С.С. Пирзода

(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. А.Деҳотӣ, ½, www: tguk.tj
E-mail: tguk@mail.ru. Телефон: (+99237) 234-85-46)